Бо фармони Вазири маорифи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 18.07.2007, №666
тасдиқ карда шудааст

# НИЗОМНОМАИ ШӮРОИ ҶАМЪИЯТИИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ УМУМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## БОБИ 1. *Муқаррароти умумӣ*

1. Шӯрои ҷамъиятии муассиаҳои таълимии таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Шӯро ном бурда мешавад) тибқи банди 4-и моддаи 50 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, сархати 3-и моддаи 36 ва моддаи 42 –и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» таъсис дода шудааст.

2. Шӯро яке аз шаклҳои худидоракунии муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ буда, дар беҳтаршавии идоракунии онҳо саҳм мегирад.

3. Мақсади асосии Шӯро аз дастгирӣ ва ҳимояи ҳуқуқи кӯдакони синни мактабӣ иборат буда, дар мустаҳкам кардани базаи моддӣ-техникии муассисаҳои таълимӣ саҳм гирифта, мувофиқи шароит кормандони муассисаҳои таълимиро аз ҷиҳати моддӣ дастгирӣ менамояд.

4. Шӯро ташкилоти ғайрисиёсӣ буда, дар фаъолияти худ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, Низомномаи Шӯрои сарпарастон, Кумитаи падару модарон, Низомномаи мазкур, санадҳои дигари соҳаи маориф ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба инобат мегирад.

5. Шӯрои ҷамъиятӣ шахси ҳуқуқи буда, мӯҳри худро дорад ва аз қайди давлатӣ гузаронида мешавад.

Ба ҳайати Шӯро шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳо, корхонаҳои давлатию ғайридавлатӣ, хоҷагиҳо, ташкилотҳо, ширкатҳои хусусӣ, шаҳрвандони хориҷӣ дохил шуда метавонанд.

6. Ташаббускорони ташкили Шӯрои ҷамъиятӣ худи падару модарон, кормандони корхонаҳо, хоҷагиҳо, ширкатҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ муҳаррирони ҳафтаномаҳо, маҷаллаҳои вилоятӣ, шаҳру ноҳия ва шахсони алоҳида якҷоя бо сардорони идораҳои маорифи вилоятҳо, мудирни шӯъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ва директорони мактабҳо шуда метавонанд.

Сардорони идораҳо, мудирони шӯъбаҳои маориф, директорони муассисаҳои таълимӣ вазифадоранд, ки барои фаъолияти шӯроҳои марбута шароити мусоид фароҳам оваранд.

Аъзоёни Шӯрои ҷамъиятии мақоми вилоятидошта раисони шӯроҳои ҷамъиятии ноҳияҳо (шаҳрҳо), шаҳрӣ (ноҳиявӣ) раисони Шӯрои ҷамъиятии мактабҳо (кумитаи падару модарон) ва ба Шӯрои мактабӣ роҳбарони кумитаи падару модарони синфҳо шомил мегарданд.

7. Шӯрои ҷамъиятии вилоятӣ корӣ шӯроҳои ноҳиявиро роҳбарӣ намуда, ба мақомоти давлатии вилоят масъалаҳои ҳалталаби (проблемаҳои) муассисаҳои таълимии ноҳияро пешниҳод менамояд.

Шӯрои ҷамъиятии ноҳиявӣ ба Шӯрои ҷамъиятии мактабҳо роҳбарӣ карда, масъалаҳои (проблемаҳои) ҳалталаби онҳоро дар сатҳи мақомоти давлатии ноҳия ҳаллу фасл менамояд.

Шӯрои ҷамъиятии мактаб барои беҳтаршавии сифати кори муассисаҳои таълимӣ фикру андешаҳоро ба роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ пешниҳод манзур менамояд.

8. Шӯрои вилоятӣ раис ва котиби худро аз ҳисоби раисони Шӯрои шаҳру ноҳияҳо, Шӯрои ноҳиявӣ раис ва котибро аз ҳисоби раисони кумитаи падару модарони муассисаҳои таълимӣ ва Шӯрои мактабӣ раис ва котиби Шӯрои муассисаи

таълимиро аз ҳисоби раисони кумитаи падару модарони синфҳои муасисаҳои таълимӣ интихоб менамоянд.

## БОБИ 2. *Ҳуқуқ ва вазифаҳои Шӯрои ҷамъиятӣ*

9. Барои ҳалли масъалаҳои оинномавии худ Шӯро ҳуқуқҳои зеринро дорад:

- дар муҳокимаи ташкили таълими иловагии пулакӣ (барои муассисаҳои таълимии давлатӣ), механизми пардохти ҳаќи таълим (барои муассисаҳои ғайридавлатӣ), сметаи даромаду хароҷоти муассисаҳои таълимии мазкур иштирок мекунад;
- ташкилу такмили ҷараёни таълимро тақвият дода, барои таъмину рушди он маблағҳои ғайрибуҷавиро ҷалб менамояд;
- равия, шакл андоза ва тартиби истифода бурдани маблағҳои ғайрибуҷавӣ, аз он ҷумла барои масъалаи расонидани ёрӣ ба таълимгирандагон аз оилаҳои камбизоат ва бепарастор, ҳимоя ва ҳавасманд кардани хонандагони болаёқат, муаллимонро дида мебарояд;
- қарордодҳои муассисаи таълимӣ ва волидайнро бо муассис (муассисон) дида мебарояд, роҷеъ ба даровардани тағйироту иловаҳо ба онҳо таклиф пешниҳод менамояд;
- дар бораи даровардани тағйирот ва иловаҳо ба ҳуҷҷатҳои муассисаҳои таълимӣ, ки ташкили ҷараёни таълимро ба танзим медароранд тавсия ва таклифҳои худро ба мақомоти болоии соҳаи маориф пешниҳод менамояд;
- ҳаҷми маблағгузориро дар қарордодҳои байни муассисаи таълимӣ ва бо падару модарони (шахсоне, ки онҳоро иваз менамоянд) хонандагону тарбиятгирандагон роҷеъ ба расонидани хизмати иловагии пулакӣ, аз он ҷумла хизмати таълими пулакиро дар муассисаҳои таълимии ғайридавлатро дида мебарояд;
- зарурат ва намуди сару либоси мактабиро (тибқи шароити маҳал ва либоси ягона) муқаррар мекунад.

10. Вазифаҳои Шӯро аз инҳо иборат аст:

- харҷи маблағҳои ғайрибуҷавии ба муассисаҳои таълимӣ воридшударо назорат мекунад;
- дар таъмини мактабҳо бо китобҳои дарсӣ, маводи таълимӣ, таъмири биноҳои таълимӣ, ворид намудани маблағҳо барои дастгирии муаллимон ва таъмири биноҳои мактаб саҳм мегирад;
- имтиёзҳое, ки ба хонандагон ва омӯзгорон қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, назорат мекунад;
- дар ташкил ва тарғиб намудани фаъолияти муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ саҳм мегирад;
- дар таҳияи буҷет ва сметаи хароҷоти маблағҳои муассисаҳои ғайридавлатӣ ва хадамоти иловагии пулакии муассисаҳои таълимии давлатӣ тибқи имкониятҳои муассисаҳои таълимӣ иштирок менамояд;
- ба пардохти маблағи ҳаққи таълим тибқи дараҷаи донишу маълумоти хонандагон, ки муссисаҳои таълимӣ таъмин менамоянд, ба роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ таклифҳо пешниҳод менамояд;
- бевосита дар фаъолияти муассисаи таълимӣ (гузаронидани аттестатсия, аккредитатсия, ҳимояи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии муассисаи мазкур, ҷиҳозонидани кабинетҳо) иштирок менамояд;
- барномаҳои тадқиқотиро, ки ба самтҳои беҳтаршавии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ мусоидат мекунанд, дастгирӣ (маблағӣ) менамояд;

- ба мақомоти болоии соҳаи маориф масъалаҳои ҳалталаби муассисаҳои таълимиро пешниҳод менамояд;
- дар ташкил ва гузаронидани намоишҳо, фестивалҳо, ҷамъомадҳои падару модарон ва ҳал намудани масъалаҳои марбута ҳисса мегузорад;
- дар матбуот, барномаҳои телевизионӣ баромадҳо ташкил намуда, ҳисоботи роҳбарони муассисаҳои таълимиро оид ба сарфи маблағҳои ғайрибуҷетӣ, кӯмакпулиҳои башардӯстона ва дигар маблағҳои ба хазинаи мактаб воридгардида, дараҷаи дониши хонандагон ва ғайра, мешунавад;
- дар такмил додани базаи моддию техникии муассисаи таълимӣ, ободонии биноҳо ва атрофи он кӯмак мерасонад.

## БОБИ 3. *Идоракунии Шӯрои ҷамъиятӣ.*

11. Шӯрои ҷамъиятӣ (дар ҳар як зина) коргузории худро дорад. Онро котиби Шӯро таъмин мекунад. Онҳо нақшаи чорабиниҳо таҳия намуда, иҷрои онҳо баъди расмӣ шуданашон назорату таъмин карда мешаванд.

12. Шӯро дар таҳияи барномаи дурнамои рушди соҳаи маориф дар сатҳи вилоят, шаҳру ноҳияҳо ва муассисаҳои таълимӣ иштирок мекунад.

13. Мақоми болоии Шӯрои ҷамъиятӣ (вилоятӣ) маҷлиси умумии Шӯрои вилоятӣ буда, дар як сол ду маротиба гузаронида шуда, масъалаҳои зеринро мавриди баррасӣ қарор медиҳад:

- ҳисоботи раисони шӯроҳои ҷамъиятии ноҳиявиро мешунавад;
- ба Оинномаи Шӯрои ҷамъиятӣ тағийрот ворид менамояд;
- муроҷиатномаи беҳтаршавии сифати кори муассисаҳои таълимиро қабул менамояд;
- интихоби роҳбарияти Шӯрои ҷамъиятии вилоятиро дида мебарояд;
- қарори Президиумро дар бораи қабул намудани аъзои нави Шӯрои ҷамъияӣ тасдиқ менамояд;
- нақшаи дурнамои фаъолияти Шӯрои ҷамъиятиро муҳокима карда, тасдиқ менамояд;
- дар таъсис додани гурӯҳи корӣ оид ба таклифҳои Президиум нисбати беҳтар кардани фаъолияти Шӯро (дар ҳама сатҳ) саҳм мегирад;

14. Президиуми Шӯро аз ҳисоби муассисон таъсис дода мешавад. Вай ҷаласаҳои худро дар ду моҳ як маротиба мегузаронад.

Президиум барои се сол интихоб карда мешавад.

15. Маҷлиси Шӯрои ҷамъиятии ноҳиявӣ дар ду моҳ (дар ҳар як чорияк) як маротиба гузаронида мешавад. Дар он вазъияти таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ шунида мешавад. Сарфи маблағҳо мавриди муҳокима қарор мегирад.

Барои беҳтаршавии сифати кори муассисаҳои таълимӣ ба идораю шӯъбаҳои маориф, ба ҳукуматҳои марбута таклифҳо пешниҳод менамояд.

Маҷлисҳои Шӯрои муассисаҳои таълимӣ дар давоми як моҳ як маротиба гузаронида мешаванд. Дар он пардохти маблағ ва сарфи онҳо, маблағҳои хайрия, ҳаққи таълим санҷида мешаванд.

Илова ба вазифаҳои дар боло нишондодашуда ҳисоботи директорони муассисаҳои таълимӣ, роҳбарони синфҳоро мешунавад. Барои беҳтаршавии фаъолияти муассисаи таълимӣ тавсияҳо медиҳад.

Кӯдакони камбизоатро зери назорат гирифта, барои беҳтаршавии зисту зиндагии онҳо чораҳо меандешад. Ба кормандони муассисаҳои таълимӣ оид ба беҳтаршавии имконияти зисту зиндагониашон чораҳои мушаххас меандешад. Механизми амалӣ гардонидани фаъолияти шӯроҳои ҷамъиятии вилоятӣ, шаҳрӣ (ноҳиявӣ) ва мактаби дар Оинномаи онҳо дар шакли мушаххас инъикос мeёбад.

16. Оинномаи Шӯрои ҷамъиятӣ (дар асоси Низомномаи мазкур таҳия карда мешавад).

а) Оинномаи Шӯрои ҷамъиятии вилоятӣ масъалаҳои зеринро дар бар мегирад:
- ташаббускорони ташкили Шӯрои ҷамъиятии вилоятӣ, суроғаи ҷойи кори Шӯро ва аъзоёни он нишон дода шуда, ҳудуди фаъолияташ муайян карда мешавад;
- мақсади ташкил шудани Шӯро дар сатҳи вилоят;
- ҳуқуқ ва вазифаи шӯроҳои ҷамъиятии ноҳияҳо ва муассисаҳои таълимӣ;
- намунаи қарордоди (шартнома) байни муассисаи таълимӣ ва падару модарон;
- усулҳои идоракунии Шӯрои ҷамъиятӣ;
- заминаи моддӣ-техникии муасисаҳои таълимии ноҳияҳо;
- механизми расонидани кӯмакпулиҳо ба муассисаҳои таълимии ноҳия.

б) Оинномаи Шӯрои ҷамъиятии ноҳиявӣ масъалаҳои дар боло нишон дода шударо аз рӯи проблемаҳои дар ноҳия мавҷуд буда, дохил намуда таҳия менамояд.

в) дар Оинномаи Шӯрои мактабӣ илова ба масъалаҳои дар боло нишон дода шуда саволҳои зерин илова карда мешаванд:
- ҳамкории Шӯро бо муассисаи таълимӣ;
- усулҳои мустаҳкам намудани заминаи моддӣ-техникии муассисаҳои таълимӣ;
- ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ баровардани масъалаҳои хоҳиши хонандагон ва муаллимони муассисаи таълимии мазкур;
- харидорӣ ва дастрас намудани китобҳои дарсӣ ба китобхонаи муассисаи таълимӣ;
- усулҳои дастгирӣ намудани хонандагони муассисаҳои таълимӣ;
- муқаррар намудани мукофотҳо ба хонандагони пешқадам ва муаллимони эҷокор;
- ҷалб намудани мутахассисони баландихтисос ба муассисаи таълимӣ;
- ҷудо намудани маблағ барои аз курсу семинарҳо гузаронидани муаллимон ва дастгирии иҷтимоии онҳо;
- номгӯи гузаронидани чорабиниҳои гуногун вобаста ба дастгирии муассисаи таълимӣ;
- усулҳои ташкили чопи китобҳои дарсӣ ва бадеӣ;
- омӯхта ва паҳн кардани таҷрибаи пешқадам.

## БОБИ 4. *Заминаи моддию техникии Шӯрои ҷамъиятӣ*

17. Дар сурати пеш аз мӯҳлат рафтани аъзоёни Шӯро (раисону котибони шӯроҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва мактабӣ), Шӯро маҷлисҳои ғайринавбатӣ гузаронида, аъзоёни навро (раисон, котибон) интихоб менамояд.

18. Шӯро фаъолияти худро тибқи нақшаи корӣ ба анҷом мерасонад (вилоятҳо–солона, шаҳру ноҳиявӣ–кварталӣ, мактабӣ - ҳармоҳа).

19. Шӯро маҷлисҳои худро бо қабули қарор расмӣ менамояд. Қарор бо овоздиҳии кушода кабул карда мешавад. Қарор ҳамон вақт дуруст мебошад, ки дар маҷлис аз 3/2 ҳиссаи аъзоёни он иштирок дошта бошанд ва ба тарафдории қарор аз ним зиёд аъзоён овоз диҳанд.

20. Маблағҳои хайрияи ҳаққи таълими аз тарафи падару модарон, шахсони алоҳида ба суратҳисоби муассисаи таълимӣ воридшударо, Шӯрои ҷамъиятӣ ба бонкҳо месупорад.

21. Ба мақсади расонидани ёрии тиббӣ ба хонандагон ва муаллимон, таъмири биноҳои таълимӣ Шӯрои ҷамъиятӣ аз ҳисоби суратҳисоби худ маблағҳои заруриро дар асоси ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда, сарф мекунад.

22. Сарфи маблағҳо тибқи сметаи хароҷот ба сари ҳар як хонанда аз рӯи ведомост ба кормандони муассисаи таълимӣ ҳаққи меҳнат дода мешавад.

23. Директори муассисаи таълимӣ нисбати хароҷоти маблағҳои воридшуда дар моҳи август дар назди Шӯрои ҷамъиятии муассисаи таълимӣ ҳисобот медиҳад.